“Тасдиқ менамоям”
Директори Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ , н.и.к.
Толибов А.Қ. ____________
«__04__» ___январи___ соли 2024

**Хулосаи**

Шӯрои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

Диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси 06.01.05–селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ вобастагӣ дорад.

Таҳқиқотҳо давоми солҳои 2019-2022 дар доираи 2 лоиҳаҳои илмӣ барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 дар шуъбаи селексия ва тухмипарварии картошкаи Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ иҷро шудааст.

Акрамов Абдуҳалим соли таваллудаш 1988, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, соли 2006 ба Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дохил шуда, соли 2011 аз рӯйи ихтисоси олим агроном донишгоҳи мазкурро хатм намудааст. Соли 2018 ҳамчун унвонҷӯи Институти боғу токпарварӣ ва сабзавотпарварии АИКТ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05–селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ ба қайд гирифта шуда, соли 2021 хатм кардааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ – Назиров Ҳикматулло Нуруллоевич, доктори илмҳои кишоварзӣ, сарходими илмии шуъбаи технологияи муосири сабзавоткории Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ мебошад.

Аз рӯйи ҷамъбасти муҳокимаҳо чунин хулосагирӣ карда шуд:

**Муҳимияти мавзуи тадқиқотӣ**.

Картошкапарварӣ яке аз соҳаи асосии бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, дар таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ, афзун гардонидани имкониятҳои содиротии мамлакат ва бо кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ дар деҳот ва ноҳияҳо, мавқеи муайянро ишғол менамояд. Пешрафти ояндаи картошкапарварӣ дар ҷумҳурӣ тавассути ба даст овардани навъҳои серҳосили картошка ва ташкил намудани системаи илман асосноки тухмипарварӣ он дар минтақаҳои кӯҳӣ

вобастагии зич дорад. Бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани рушди соҳаи картошкапарварӣ дар кишвар, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки аз 3.04.2021 №117" тасдиқ гардидааст, қабул намудааст. Ин барномаи давлатӣ ба рушди соҳаи тухмипарварии зироатҳои кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ имкониятҳои васеъро фароҳам меоварад.

Картошкапарварӣ ва рушди минбаъдаи он бо парвариши навъҳои нави ин зироат ва сифати маводи тухмӣ зич алоқаманд аст. Дар раванди ба даст овардани навъҳои нав ва маводи тухмии баландсифати картошка, усулҳои селексия, ворид намудани маводҳои авалияи тухмӣ аз хориҷи кишвар ва мутобиқгардонии онҳо ба шароити агроэкологии минтақаҳои парвариш нақши муҳимро мебозанд.

Бояд гуфт, ки дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ дар соҳаи картошкапарварӣ, масъалаҳои таъсири омилҳои агроэкологии минтақаи кухӣ ва минтақабобкунии навъҳои нави картошка то кунун пурра омӯхта нашудаанд. Бинобар ин, мо таҳқиқотҳои илмии худро доир ба селексия, мутобиққунии навъҳои нави картошка, ки потенсиали баланди маҳсулнокӣ доранд, дар шароити минтақаи кухии Шимолу Шарқии Тоҷикистони (мавзеи Лахши водии Рашт) равона намудем.

**Аҳамияти амалӣ ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот.** Аҳамияти таҳқиқотҳои илмӣ дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои ояндадори дорои ҳосили баланд ва хушсифати картошка мебошад. Инчунин, баҳодиҳии навъҳои нави картошка вобаста аз сифати тухмӣ, мутобиқат ба шароитҳои минтақаи парвариш, ҳосилнокӣ ва массаи умумиии биологииoнҳо муайян карда шуд.

Навъҳои тавсияшавандаи серҳосили картошка, ки ҳоло дар майдони бештар аз 20 га дар шароити ноҳияи Лахш парвариш карда мешаванд, метавонанд аз ҳар гектар то 30-40 тонна ҳосили дилхоҳ диҳанд. Таҳқиқотҳо собит сохтанд, ки навъҳои Янка, Вектар, Скарб ва Бриз аз ҷиҳати ҳосилнокӣ ва устуворият ба омилҳои табиӣ аз дигар навъҳои зери омӯзиш қарордошта фарқ доштанд.Навъҳои номбурдадар шароити ноҳияҳои Лахш, Тоҷикобод, Мӯъминобод, Деваштич дар майдони бештар аз 50 га парвариш гардида, иқтидори баланди ҳосилнокиашонро нишон додаанд.

**Алоқамандии кор бо барномаҳо ва мавзӯъҳои илмӣ.** Мавзӯи диссертатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ алоқамандии зич дошта, бо як қатор барномаҳои

давлатӣ аз ҷумла:

1. “Барномаи давлатии рушди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, №790 аз 30.12 .2015

2.“Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020”, №438 аз 20.10.2016с.

3. “Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2012-2020”, №383 аз 1.08. 2012с.

4. «Барномаи рушди иноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2022», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2011с. № 227 тасдиқ гардидааст:

5. “Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки аз 3.04. 2021 №117” тасдиқ гардидааст, алоқамандии калон дорад.

Инчунин таҳқиқотҳо мутобиқ ба лоиҳаҳои фармоишии корҳои илмию таҳқиқотии шуъбаи селексия ва тухмипарварии картошка барои солҳои 2016-2020 дар мавзӯи «Офаридану интихоби навъҳои картошкаи тезпазаку миёнапазаки солими ба гармию хушкӣ тобовар, такмил додани тухмипарварии он дар асоси истифодаи усулҳои биотехнологӣ ва афзоишдиҳии маводи тухмии элитавӣ» РКД № 0116 TJ00624. ва барои солҳои 2021-2025 дар мавзӯи «Бо усули селексияи клонӣ офаридани навъҳои тезпазаку миёнапазаки ба гармию хушкӣ тобовари картошка, такмил додани тухмипарварии онҳо» РКД 0121TJ 1132 равона гардидааст.

**Иштироки шахсии таҳқиқотчӣ дар комёб шудан ба натиҷаҳое, ки дар рисола оварда шудааст.**

Саҳми шахсии муаллиф дар омода намудан ва интихоби дурусти мавзуи тадқиқотӣ, аз ҷумла асосноккунии назариявӣ ва амалии самти интихобшуда ва усулҳои тадқиқот, ташкилу гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ, апробатсия ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот, таҳлилу коркарди оморӣ ва тадбиқи натиҷаҳои бадаст омада иборат мебошад.Ҷамъбасти наиҷаҳои таҳқиқот ва нашри мақолаҳо аз ҷониби муаллиф дар якҷояги бо роҳбари илмӣ анҷом дода шуда. инчунин таҳияи умумии диссертатсия ва автореферати он аслияти матни диссертатсияро инъикос менамояд. Иштироки бевоситаи муаллиф ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои илмӣ ба 85 % баробар буда, аслияти матни дисертатсия ба 93,67 % баробар мебошад.

**Дараҷаи дурустии таҳқиқотҳои гузаронидашуда** ҷавобгӯ ба талабот буда, аз рӯйи меъёрҳои услубӣ дуруст мебошад. Дар он усулҳои муосири умумии эътирофгардидаи таҳқиқотҳои саҳроию озмоишӣ, мавриди

истифода қарор доштааст. Натиҷаҳои корҳои илмию таҳқиқотӣ тибқи методикаи гузаронидани таҷрибаҳои саҳроии Б.А. Доспехов [1985], ва таҳқиқотҳои озмоишӣ, истифода бурдани усулҳои таҳлили омории натиҷаҳои илмии ба даст овардашуда ва муайян намудани сифати маҳсулот, баҳисобгирии самаранокии парвариши иқтисодии навъҳои картошка аз руи методикаи Л.В. Попова [2007], ва муайян намудани сатҳи сироятёбии навъҳои картошка аз қасалиҳо аз руи методикаи М.В. Бордукова [1967], ба роҳ монда шудааст.

Асоснокии натиҷаи таҳқиқот аз рӯи таҳлили дисперсионӣ [Доспехов, 1985], бо истифодаи аз барномаи компютерии Microsof Exsel 2010 санҷида шудааст.

**Натиҷаҳои нисбатан амиқи бадастовардаи худи муаллиф, навгониҳо ва аҳамияти амалии онҳо**

Бори аввал дар шароити кӯҳии водии Рашти Шимолу Шарқии Тоҷикистон дар асоси таҳқиқотҳои комплексӣ, омӯзиши хусусиятҳои агроэкологӣ, селексионӣ ва маҳсулнокии навъҳои нави интродуксионии картошка ба роҳ монда шуда, дар асоси он чараёни мутобиқшавӣ, хосиятҳои морфобиологии навъҳои нави картошка, парвариши онҳо дар баландиҳои гуногун аз сатҳи баҳр ва шароити агроэкологии минтақаи кишт омӯхта шудааст. Алоқамандии байни аломатҳои гуногуни навъҳоинави картошка дар минтақаи куҳӣ, давомнокии давраи нашъу намои онҳо, устоврии навъҳо ба касалиҳо ва дараҷаи таъсиррасонии зарарасонҳо муқаррар гардида, самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои нави картошка дар баландии зиёда аз 2100 метр аз сатҳи баҳр муайян карда шудааст.

Муаллиф муайян карда аст, ки шароити хоку иқлими водии Рашт ба ташаккули потенсиали умумии биологии растании картошкаро бо омӯзиши хусусиятҳои корҳои селексионӣ таъсири мусбат мерасонад.

Аҳамияти таҳқиқотҳои илмӣ дар он аст, ки дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои ояндадори дорои ҳосили баланд ва хушсифати картошка мебошад. Инчунин, баҳодиҳии навъҳои нави картошка вобаста аз сифати тухмӣ,мутобиқат ба шароитҳои минтақаи парвариш, ҳосилнокӣ ва массаи умумиии биологииoнҳо муайян карда шуд.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои тадқиқот дар 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8 мақола дар маводҳои Конференсияҳои ҷумҳуриявии илмиву назариявии АИКТ ва 1 мақолаи илмӣ дар конференсияиҳо

байналмилалӣ ба чоп расиданд, ки мазмунуну мундарича ва муҳтавои асосии тадқиқоти мазкурро дар бар мегиранд.

**Феҳристи корҳои чопшудаи муаллиф доир ба мавзӯи диссертатсия**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

**[1-М]. Акрамов А.Х.** Санҷиши экологияи навъҳои селексионии картошка дар шароити баландкӯҳи Тоҷикистони Марказӣ / Ҳ.А. Мирзоев, А.Х. Акрамов, Ҳ.Н. Назиров // Гузоришҳои АИКТ- 2019- №4 (62), -С.20-24

**[2-М]. Акрамов А.Х.** Хусусиятҳои агроэкологии навъу намунаҳои коллексионии картошка дар шароити минтақаҳои кӯҳӣ, доманакӯҳӣ ва водигии Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.Х.Акрамов, Ҳ.Н.Назиров // Кишоварз, 2021- №2 (91) -С. 27-30.

**[3-М]. Акрамов А.Х.** Урожайность коллекционных сортов картофеля в горных зонах Раштской долины / А.Х.Акрамов, Ҳ.Н.Назиров // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 2021-№2 (211), -С. 65.

**[4-М]. Акрамов А.Х.** Отличителные особенности технологии повторного посева картофеля и его урожайность в условиях Гиссарской долинны Республики Таджикистан / А.Х. Акрамов, А.А. Мирзоев, Ҳ.Н.Назиров // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон- 2022, №4 (219). -С. 52-56

**[5-М]. Акрамов А.Х.** Изучение агроэкологических особенностей интродукционных сортов картофеля в условиях Раштской зоны Таджикистана / А.Х.Акрамов // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон- 2023№2 (221), -С. 60-63

**[6-М]. Акрамов А.Х.** Разработка эффективной системы защиты картофеля против колорадского жука в республике таджикистан / Дж. А. Толихов, А. Х. Акрамов, М.Х. Султанова, З. М. Курбонов// Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 2023.- №2 (221). -С.64-71

**Мақолаҳо ва тезисҳо дар маҷмуаҳои маводи конференсияҳо**

**[7-М]. Акрамов А.Х.** Агротехникаи парвариши картошкаи барвақтӣ дар шароити водии Ҳисор / А.Х.Акрамов, Ф.Ҳакимова, Ҷ.Д.Фозилов // Маводи конф. илмии ҷумҳуриявии олимони ҷавон "Самти афзалиятноки рушди илми кишоварзӣ" бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" ва солҳои 2019-2021 "Солҳои рушди деҳот, саёҳи ва ҳунарҳои мардумӣ" – 2019. -С.79-85

**[8-М]. Акрамов А.Х.** Интихоб ва тайёр кардани замин барои кишти картошка / Ш.Шарипов, А.Х. Акрамов, // Маводи конф. илмии ҷумҳурияви олимони ҷавон "Самти афзалиятноки рушди илми кишоварзӣ" бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои

рушди устувор, солҳои 2018-2028” ва солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, саёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”. – 2019. -С. 63-64

**[9-М]. Акрамов А.Х.** Нишонаи пайдоиши касалиҳои замбуруғии картошка дар майдони кишт ва чораҳои мубориза бар зидди онҳо / А.Х. Акрамов, Ҷ.А. Толиҳов, Р.Бобокалонов // Маводи конф. илмии ҷумҳур. “Саҳми олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технологияи кишоварзӣ”, бахшида ба солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” ва даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”, 2018-2028 - 2020. -С- 55-59

**[10-М]. Акрамов А.Х.** Усулҳои муайян намудани зичии ҷойгиршавии ниҳолҳои картошка ва ҳосилнокии он дар майдони кишт. /А.Х. Акрамов, Ф.Ҳакимова, М.Давлатов, Р.Бобокалонов // Маводҳои конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ “Нақши тухмипарварӣ дар рушди соҳаи картошкапарварӣ”-2020. -С.12-15

**[11-М]. Акрамов А.Х.** Технологияи кишти такрории картошка ва хусусиятҳои фарққунандаи он дар шароити водигии Ҷумҳурии Тоҷикистон. /А.Х.Акрамов, Ҷ.Д.Фозилов, А.А.Мирзоев, Р.Бобокалонов // Маводҳои конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ “Нақши тухмипарварӣ дар рушди соҳаи картошкапарварӣ”-2020. –С.16-21

**[12-М]. Акрамов А.Х.** Усулҳои аз тухмакҳои ботаникӣ парвариш намудани картошка /А.Х.Акрамов, Ҷ.С.Саидова, А.А. Мирзоев, Б. Саидмухторова // Маводи конф. илмию амалии ҷумҳур. “Саҳми олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технологияи кишоварзӣ”, Бахшида ба 30- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” - 2021. -С. 47-50

**[13-М]. Акрамов А.Х.** Самаранокии кишти тирамоҳии картошка дар ноҳияҳои водигии Ҷумҳурии Тоҷикистон. / А.Х. Акрамов, Ҷ.Д., Фозилов, Б.Саидмухторова // Маводи конференсияи илмии ҷумҳуриявии “Саҳми олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технологияи кишоварзӣ”, Бахшида ба 30- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” - 2021. –С. 57-60

**[14-М]. Акрамов А.Х.** Сабзиш ва ҳосилнокии навъҳои интродуксионии картошка ва таъсири иқлим ба маҳсулнокии онҳо дар шароити кӯҳии водии Рашт / А.Х.Акрамов // Маводи конференсияи илмию назарявии байналмилалӣ дар мавзуи “Истифодабарии усулҳои инноватсионӣ дар

баланд бардоштани ҳосилнокии дарахтони мевадиҳанда, ангур ва зироатҳои сабзавотию картошка”- 2022, -С.164-167.
**[15-М]. Акрамов А.Х.** Омӯзиши хусусиятҳои агроэкологӣ ва ҳосилнокии навъу намунаҳои колексионии картошка дар кишти барвақтӣ дар шароити водии Ҳисор /А.Х.Акрамов, М. Давлатов, Нурҷаҳони Р// Маводи конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ. “Саҳми олимони ҷавон дар самтҳои афзалиятноки рушди илми кишоварзӣ” бахшида ба солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рӯшди фаннҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм3у маориф” ва даҳсолаи байналмилалии амал “об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028”. - 2023. -С-74-76

**Таъйид (апробатсия)-и диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.** Таҳқиқотҳо тайи солҳои 2019-2022 гузаронида шуданд. Муаррифии натиҷаҳои таҳқиқотҳои гузаронидашуда ҳамасола дар ҷаласаи Шӯрои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ муҳокима карда мешуданд. Ҳар сол (дар тӯли солҳои 2019-2022) дар ҷаласаҳои шуъбаи илм, таълим ва таёр намудани кадрҳои илмии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон баромад ва ҳисобот дода мешуданд. Муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳо оид ба истеҳсолот асоснок карда шуда, ба маълумоти таҳлилӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд, ки дараҷаи эътимоднокии онҳо бо коркарди оморӣ бо истифода аз барномаи компютерии Microsof Exsel собит шудааст. Хулоса ва пешниҳодҳо ба таҳқиқоти илмӣ асос ёфтаанд, ки бо усулҳои муосир таҳлил гардидаанд. Инчунин натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣва рузномаю маҷалаҳои тақризшаванда аз ҷумла:конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯҳои: “Нақши илми кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ” бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” Душанбе -2018, АИКТ; “Самтҳои афзалиятнки рушди илми кишоварзӣ” бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” Душанбе -2019;“Саҳми олимони ҷавон дар рушди илм, иноватсия ва технологияи кишоварзӣ” бахшида ба солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” Душанбе -2020, АИКТ;“Нақши тухмипарварӣ дар рушди соҳаи картошкапарварӣ” Душанбе -2020. ИБТС- АИКТ; “Саҳми олимони ҷавон дар рушди илм, иноватсия ва технологияи кишоварзӣ” бахшида ба 30 солагии Истиқлолияти Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” Душанбе -2021, АИКТ ва ғайраҳо таъйид шуданд.

Таҷрибаҳои саҳроӣ дар солҳои 2019-2022, аз тарафи комиссияи апробатсионӣ оид ба рафти иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон баҳогузорӣ карда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Бори аввал дар шароити мавзеи Лахши водии Рашти Шимолу Шарқии Тоҷикистони дар асоси таҳқиқотҳои комплексӣ омӯзиши хусусиятҳои селексионӣ, агроэкологӣ ва маҳсулнокии навъҳои нави интродуксионии картошка ба роҳ монда шуда, дар асоси он ҷараёни мутобиқшавӣ, хосиятҳои морфобиологии навъҳои нави картошка, парвариши онҳо дар баландиҳои гуногун аз сатҳи бахр ва шароити агроэкологии минтақаи кишт омӯхта шудааст. Алоқамандии байни аломатҳои гуногуни навъҳои нави картошка дар минтақаи куҳӣ, давомнокии давраи нашъу намои онҳо, устоврии навъҳо ба касалиҳо ва дараҷаи таъсиррасонии зараррасонҳо муқаррар гардида, самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои нави картошка дар баландии зиёда аз 2100 метр аз сатҳи баҳр муайян карда шудааст.

Навъҳои тавсияшавандаи серҳосили картошка, ки ҳоло дар майдони бештар аз 20 га дар шароити ноҳияи Лахш парвариш карда мешаванд, метавонанд аз ҳар гектар то 30-40 тонна ҳосили дилхоҳ диҳанд. Таҳқиқотҳо собит сохтанд, ки навъҳои Янка, Вектар, Скарб ва Бриз аз ҷиҳати ҳосилнокӣ ва устуворият ба омилҳои табиӣ аз дигар навъҳои зери омӯзиш қарордошта фарқ доштанд.Навъҳои номбурда дар шароити ноҳияҳои Лахш, Тоҷикобод, Мӯъминобод, Деваштич, дар майдони бештар аз 50 га парвариш гардида, иқтидори баланди ҳосилнокиашонро нишон додаанд.

Кори диссертатсионӣ дар 156 саҳифаи матни компютерӣ дарҷ гардида, аз муқаддима, 6 боб, хулоса, тавсия ба истифодаи амалии натиҷаҳо, 16 замима ва рӯйхати адабиёти истифодагардида иборат аст. Кор бо 29 ҷадвал 19 расм ва 22 диаграммаҳо ороиш дода шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодагардида 170, аз он ҷумла 8 адабиёти хориҷиро дар бар мегирад.

Диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси 06.01.05–селексия ва тухмипарварии зироатҳои кишоварзӣ давоми солҳои 2019-2022 иҷро карда шудааст.

Диссертатсия ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурииии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии **6D.КОА-064** Институти зироаткории

Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, оид ба дарёфти дараҷаҳои илмии номзади илмҳои кишоварзӣ тавсия карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи Шӯрои олимони Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон қабул карда шуд.

Дар ҷаласа аз 17 нафар аъзоёни Шӯрои олимон 16 нафар, инчунин 4 нафар даъватшудагон ва 20 нафар кормандони илмию истеҳсолии Институт иштирок доштанд.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** овоз доданд барои тавсияи кори диссертатсионии Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзӯъи “Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ ба ҳимояи асосӣ аз аъзоёни Шурои олимон “**тарафдор**” – 16 нафар, “**муқобил” –** нест, **“бетараф”** – нест, Протоколи №12 аз 27.12.2023.

Раиси Шӯрои олимон,
номзади илмҳои кишоварзӣ, Толибов А.Қ.

Котиби Шӯрои олимон Шарипов Ш.И.

**Муқарриз:**
н.и.к. ходими калони илмии
Институти ботаника,физиология ва
генетикаи растаниии АМИТ Қурбонов М.

**Муқарриз:**
н.и.к., ходими калони илмии
Институти боғу токпарварӣ
ва сабзавоткории АИКТ Эшонқулова Р.У.

Имзоҳои А.Қ. Толибов, Р.У.Эшонкулова
ва Ш.И.Шарипов - ро тасдиқ менамоям:
Сармутахассис оид ба кадри Институти боғу
токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ Пирова М.И.

Имзои Қурбонов М - ро тасдиқ менамоям:
нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти ботаника, физиология
ва генетикаи растании АМИТ Умарова Н.С.